# ПРОТОКОЛИ № 23
## маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-062

**аз « 12 » сентябри соли 2025** **ш. Душанбе**

**Дар ҷаласа иштирок доштанд:**
аз 9 нафар аъзои шуро 9 нафар

**Раиси шуро:** аз 9 нафар аъзои шурои диссертатсионии бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25апрели соли 2025, № 168/шд тасдиқгардида 9 нафар иштирок доранд, ки аз инҳо 8 нафарашон докторони илм ва 1 нафар номзади илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб меравstatic.

Пешниҳод шуд, ки ҷаласаи шуро гузаронида шавад. Муҳтарам аъзои шуро, ягон пешниҳоди дигар нест? Нест.

Касе ҷонибдори он бошад, ки кори шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, мавқеи худро муайян намояд, Муқобил, бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Ба ҳимояи иҷозат додани диссертатсияи Маҳмадалиев Насриддин Каримович дар мавзуи «Асоснок намудани механизми тиҷоратикунонии навовариҳо дар шароити гузариш ба иқтисодиёти инноватсионӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051701 - Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ.

## ШУНИДА ШУД:

Раиси комиссияи экспертӣ д.и.и., профессор Султанов З.С. ва аъзои комиссия д.и.и., профессор Амонова Д.С., д.и.и., дотсент Ҳикматов У.С. оид ба шиносоии пешакӣ бо диссертатсияи пешниҳодгардидаи Маҳмадалиев Насриддин Каримович дар мавзуи «Асоснок намудани механизми тиҷоратикунонии навовариҳо дар шароити гузариш ба иқтисодиёти инноватсионӣ» ибрози андеша намуда, қайд карданд, ки диссертатсияи мазкурро барои ҳимоя қабул намудан мумкин аст.

Шурои диссертатсионӣ хулосаи мусбати комиссияи экспертиро оид ба диссертатсияи Маҳмадалиев Насриддин Каримович дар мавзуи «Асоснок намудани механизми тиҷоратикунонии навовариҳо дар шароити гузариш ба иқтисодиёти инноватсионӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051701 - Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ пешниҳод шудааст, шунида, баррасӣ карда,

**ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:**

1. Диссертатсияи Маҳмадалиев Насриддин Каримович дар мавзуи «Асоснок намудани механизми тиҷоратикунонии навовариҳо дар шароити гузариш ба иқтисодиёти инноватсионӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051701 - Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ба ҳимоя қабул карда шавад.
2. Муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

— **Раҷабов Раҷаб Кучакович** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, профессори кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон;

— **Мирзоева Евгения Шуджоатбековна** – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.

3. Ба сифати муассисаи пешбар **Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон** таъин гардад.
4. Барои ҷойгир намудани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Муассиса ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.
5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва фиристодани он ба суроғаҳои таъиншуда ичозат дода шавад.
6. Таърихи баргузории ҳимоя 24 ноябри соли 2025, соати 12:00 муқаррар карда шавад.

**Натиҷаи овоздиҳӣ**: тарафдор - 9 нафар, муқобил - нест, **бетараф - нест. Якдилона қабул карда шуд.**

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** **Комилов С.Ҷ.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ** **Раджабова И.Р.**

Дурустии имзоҳои С.Ҷ. Комилов ва И.Р. Раҷабова-ро тасдиқ менамоям:

Сардори РК ДСРТ А.А. Раҳимов